*Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА- 004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, маҳалаи Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, биной таълимии №8)*

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсия Одиназода Комрон Саидаброр дар мавзуи «Такмили танзими давлатии бозори меҳнат дар алоқамандӣ бо равандҳои муҳоҷират: назария, методология ва амалия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) пешниҳод гардидааст.**

Танзими давлатии равандҳои фаъолиятҳои меҳнатӣ дар дилхоҳ кишвар ба хусусиятҳои шуғл ва махсусан таносубияти шуғли расмӣ ва ғайри расмӣ дар бозори меҳнат ҷой дорад, ки ин ду паҳлуи бозори мҳнат бо ҳам алоқамандии зич дошта, то дараҷаи ба сатҳи бекорӣ ва некуаҳволии халқ таъсири муаяйн мерасонад. Аз ин рӯ бесабаб нест, ки солҳои охир ба омӯзиши падидаи шуғли ғайрирасмӣ дар бозори меҳнат таваҷҷӯҳи бештар зоҳир карда мешавад. Ин боиси рушди назарраси микёси он ва зарурати баҳодиҳии омории падидаи мазкур гардид, ки ҳам барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва ҳам кишварҳои дорои иқтисоди бозории рушдкарда хос аст ва зарурати асоснок кардани чораҳои дахлдори сиёсатро тақозо мекунад.

Дар автореферати диссертатсия ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии таъмини хусусиятҳои бозори меҳнати дохилӣ ва берунии кишвар мавриди таҳлил қарор гирифта, мушкилоти вазъи шуғл, сатҳи бекорӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ ва номувофиқати сохтории қувваи корӣ бо талаботи иқтисоди миллӣ муайян гардидааст. Аз ҷумла, муаллиф зикр менамояд, ки сатҳи баланди таваллуд, микдори зиёди аҳолӣ ва паст будани самаранокии корӣ боиси таъсири манфӣ ба мувозинати бозори меҳнат мегардад.

Аҳамияти илмию амалии таҳқикро натиҷаҳои илмӣ ва амалии таҳқиқоти чандинсолаи муаллиф оид ба танзими давлатии бозори меҳнат дар алоқамандӣ бо равандҳои муҳоҷират дар бар мегирад. Муқарраротӣ илмӣ ва тавсияҳои амалии дар кори диссертатсионӣ таҳияшуда имкон медиҳанд, ки дар сатҳи нисбатан баланди илмӣ ва методӣ, ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии бозори меҳнат ва ҳалли вазифаҳои бозори меҳнат дар алоқамандӣ бо равандҳои муҳоҷират ҳалли ҳамаҷонибаи худро ёбанд.

Муаллиф дар раванди таҳқиқот собит кардааст, ки барномаҳои фаъоли бозори меҳнат дар шароити Тоҷикистон ҳанӯз ҳам дар зинаи ибтидоии рушди худ қарор доранд. Бо такя ба таҷрибаи кишварҳои рушдёфта ва

таҳлили натиҷаҳои тадкиқоти олимони хориҷӣ исбот шудааст, ки арзёбии самаранокии чунин барномаҳо бояд бо истифодаи нишондиҳандаҳои комплексӣ, ки ҷанбаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва макроиқтисодиро дар бар мегиранд, амалӣ гардад, (саҳ.21).

Аҳамияти амалии автореферати диссертатсия аз он иборат аст, ки оид ба равнақи бозори беҳнат ва ташакулёбии он ва ҳалли арзёбии вазъи муосир ва асосҳои институтсионалии танзими давлатии бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита ба равандҳои муҳоҷират пешниҳодҳо сурат гирифтаанд. Нуктаҳои асосии илмии диссертатсияро метавон ба сифати асоснокии назариявӣ-методологии таҳқиқоти минбаъда ва ҳалли амалии таҳияи сиёсати бозори меҳнат дар алоқамандӣ бо равандҳои муҳоҷират истифода бурд. Ҳангоми баррасии мавзуъ муаллиф ба равияҳои консептуалӣ, ки дар монографияҳои илмӣ, маводи конференсияҳои илмӣ-амалӣ, ҳисоботи илмии марказҳои намоёни илмӣ баён гардидаанд, инчунин, ба қонунҳо, стратегияву барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон такя намудааст.

Муҳаққиқ ҳангоми таҳлил муайян кардааст, ки сохтори шуғли аҳолӣ аз рӯйи шаклҳои моликият, муаллиф муайян намудааст, ки бахши хусусӣ дар тӯли ин солҳо ҷойгоҳи хешро таҳким бахшида, шумораи кормандони он аз 1,588 то 1,802 ҳазор нафар афзудааст (13,5%).

Дар муқоиса, бахши давлатӣ низ бо афзоиши назарраси 56,8 ҳазор нафар (аз 441,5 то 498,3) муваффақ ба ҳифзи ҷойгоҳи худ дар бахшҳои стратегӣ ва инфрасохторӣ гардидааст. Аммо, бахши моликияти коллективӣ коҳиш ёфтааст (-23,5%), ки ба барҳам хӯрдани сохторҳои кишоварзӣ ва нобаробарии имкониятҳо дар минтақаҳо ишора мекунад, (саҳ.24).

Диссертант изҳор медорад, ки яке аз омилҳои асосии коҳишёбии муҳоҷирати меҳнатӣ, рушди босуръати инфрасохтори истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ мебошад, ки боиси афзоиши имкониятҳои шуғл дар дохили кишвар гардидааст. Дар доираи татбиқи Стратегияи миллии рушд ва ҳадафҳои чоруми миллӣ, ҳамасола зиёда аз 100 ҳазор ҷойи нави корӣ таъсис дода мешавад. Ин тадбир, дар шароити афзоиши аҳолии қобили меҳнат (аз 4,5 миллион нафари соли 2010 то наздик 6 миллион дар соли 2023), аҳамияти хоса дорад, (саҳ.32).

Таҳлилҳои муҳаққиқ нишон дод, ки нақши саноатикунонии босуръат ҳамчун омили муҳими коҳиши миқёси муҳоҷирати меҳнатӣ ба таври васеъ нишон дода шудааст. Тибқи маълумотҳо, соли 2023 дар кишвар 3453 корхонаи саноатӣ фаъолият намудааст, ки ин нисбат ба соли 2015 (2310 корхона) 1,5 баробар зиёд мебошад. Афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва беҳтар гардидани шароити иқтисодӣ метавонанд ба коҳиши шиддати муҳоҷиратӣ ва баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолӣ мусоидат намоянд. (саҳ.39)

Мундариҷаи автореферати таҳқиқоти диссертатсионӣ бо истифодаи принсипи пайдарҳамии мантиқӣ таҳия гардида, ба талаботи таҳияи рисолаҳои номзадии аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодгардида, мувофиқ мебошад.

Автореферати диссертатсяи мазкур дар сатҳи илмӣ таҳия гардида, пайдарпайии пешниҳоди мавод, мустақилияти муаллиф дар тавзеҳоти ҷанбаҳои назариявию методологӣ ва ташкилию амалии равнақи бозори меҳнат дар алоқамандӣ бо равандҳои муҳоҷират эҳсос карда мешавад. Заминаҳои илмию амалии диссертатсия эътимоднок мебошанд ва дар он усулҳои муосири илмӣ истифода шудаанд, ки ба мақсади гузошташуда мувофиқат менамояд. Навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои дар автореферати диссертатсия бадастомада бо матни диссертатсия ҳаммаъно буда, аз вазифаҳои гузошташуда сарчашма мегиранд. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда асоснок буда, моҳияти рисолаи илмиро фаро мегиранд. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифодаи усулҳои махсус дар рафти иҷрои таҳқиқот, боэътимодии маълумот, ҳаҷми кифояи маводи таҳқиқшуда, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот, интишорот, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ тасдиқ шудааст.

Хулоса ва тавсияҳо бо таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалиявӣ асос ёфтаанд. Ҳамаи хулосаҳои пешниҳодшуда фарогири натиҷаҳои илмии таҳқиқот буда, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо дар асоси таҳлили муносиби маводи таҳқиқӣ омода карда шудаанд.

Аз ҳамин нуқтаи назар метавон чунин хулоса баровард, ки таҳқиқотии диссертасионии Одиназода Комрон Саидаброр аҳаммияти муайяни илмию амалӣ дорад. Махсусан, имконияти истифодашавандагӣ доштани натиҷаҳои таҳқиқот барои ҳалли масъалаҳои равнақи бозори меҳнат дар алоқамандӣ ба муҳоҷирати меҳнатӣ зоҳир мегардад.

Новобаста ба паҳлуҳои мусбат дар автореферати тақризшаванда чунин камбудӣ низ ҷой дорад:

1. Ҳангоми таҳлили вазъи муосири бозори меҳнати ҷумҳурӣ дар асоси таҳлили нишондиҳандаҳои шуғл, бекорӣ ва омилҳои иҷтимоию иқтисодии таъсиррасон диссертант бо истифода аз маълумотҳои зиёди оморӣ диаграммаҳо ва ҷадвалҳоро таҳия карда, қиёс намудааст, лекин сабабҳои афзоиш ва ё камшави ин нишондиҳандаҳо норавшан боқӣ монда аст;

2. Хуб мебуд дар автореферати мазкур доир ба муҳоҷирзанҳои баргашта ва дасгирии онҳо дар кишвар маълумотҳои зарурӣ меовард.

Қобили қайд аст, ки камбудии пешниҳодгардида хислати ҷузъӣ дошта, мазмун ва баҳои воқеии таҳқиқоти диссертатсиониро тағйир намедиҳанд.

Аз автореферат бармеояд, ки таҳқиқоти диссертатсионии Одиназода Комрон Саидаброр дар мавзуи «Такмили танзими давлатии бозори меҳнат

дар алоқамандӣ бо равандҳои муҳоҷират: назария, методология ва амалия», дорои арзиши илмию амалӣ буда, ба талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ба пуррагӣ ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ) мебошад.

**Муқарриз: д.и.и., и.в. профессори кафедраи менеҷмент, маркетинг ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Мирзоалиев А.А.**

**Имзои д.и.и., и.в. профессор Мирзоалиев А.А.-ро тасдиқ менамоям: Сардори шӯъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДТТ Пирзода С.С.**

734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Деҳоти 1/2, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон **Телефон:** +992934444145 +992(37) 234-85-46, **Email:** mail@ddtt.tj; tguk2025@gmail.com

03.09.2025